**Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода, **телефон:** +992-93-103-81-91
**e-mail:** zebosh@list.ru

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – востаҳои муҳим дар мубориза бо коррупсия**

Бо мақсади мубориза бар зидди амали номатлуби замон, зуҳури хавфноки ҷомеаи имрӯза – коррупсия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вижа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор тадбирҳои судманд андешида шудааст. Ҳанӯз соли 1999 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахурӣ)» ба тасвиб расид, ки он баъдан чун Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул гардид ва баъдан 25 июли соли 2005, №100 Қонуни мазкур бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. Инчунин, ҷиҳати боз ҳам муассиртар шудани ин қонун, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2013, №1504 “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” тасдиқ гардида, давра ба давра татбиқ ёфт.

Дар соли 2021 бошад, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2021, №222 (замимаи 1) дар бораи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба тавсиб расид.

Дар воқеъ, ин санадҳои муҳиму асосӣ ва муқарраркунандаи меъёрию ҳуқуқӣ баҳри муборизаи беамон бурдан бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ аз намунаи он санаду ҳуҷҷатҳое ба шумор меравад, ки пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба тасвиб расидаанд ва барои сохтани давлатдории миллӣ нақши калидӣ мебозанд.

Мафҳуми “коррупсия” дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” чунин шарҳ дода шудааст: “Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда

бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ" мебошад [4].

Оид ба мафҳуми "муқовимат ба коррупсия" бошад, дар "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" чунин омадааст: "Мафҳуми ин чараён асосан аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад" [6].

Аз ин иқтибосҳо бармеояд, ки тамоми шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда зери хавфи даст задан ба ин амали номатлуб ва ё рӯ ба рӯ омадан ба ин падидаи хатароваре, ки дар миён обрӯ, шахсияту ҳайсияти на танҳо як фард, инчунин ояндаи ҷомеа меистад, қарор доранд. Маҳз ҳамин қонуну санадҳое, ки дар фавқ зикрашон рафт, метавонанд барои васеъ намудани донишҳои соҳавӣ, пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, оқибатҳои ин амали нанговару зиёновар ба мо роҳнамоӣ намоянд.

Боиси зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ҳамеша дар суханронӣ, Паёмҳо ва вохӯриҳои худ таъкид мекунанд, то ки тамоми қишри ҷомеаи шаҳрвандӣ "зиракии сиёсии худро аз даст надиҳанд". Дар ин самт низ ҳамагонро мебояд зираку дурандеш бошем ва барои ояндаи худу наздикон ва Тоҷикистони азиз бетафовут набуда, ҳамеша кӯшиш ба харҷ диҳем, то ки ҳайсияти худу Ватани маҳбубамонро зери суол нагузорем. Ҳамин андешаҳо дар қонун ва санадҳои мазкур бисёр ҳам пурмуҳтаво дарҷ гардидаанд, ки тамоми қишри ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд санадҳои мазкурро дар фаъолияти худ самаранок истифода намоянд,

зеро тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти худ ба коррупсия муқовимат намуда, ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ вазифадор ҳастанд [6].

Барои мубориза ва то ҷое аз байн бурдани зуҳуроти нанговари коррупсия дар муқаддимаи "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" дар банди 20 "Барои расидан ба ҳадафҳои Стратегия пайгирона вазифаҳои зерин бояд амалӣ гарданд", ки аз 6 зербанд иборат аст, чунин омадааст: "Муомилоти молиявӣ, аҳдҳои тиҷоратӣ, сармоягузориҳо ва корҳои оммавӣ бояд танзим ва идоракунанда бошанд, яъне зери назорати қатъии давлатию ҷамъиятӣ ва шаффоф бошанд, расмиёти танзимкунандаи онҳо соддагардонидашуда фароҳам овардани шароити мусоид ва имтиёзнок барои ба Тоҷикистон ворид шудани сармояву амалиётҳои молиявӣ, дороиҳо ва таҷҳизотҳои муосир" [6].

Дар боби якуми "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030" таҳти унвони "Муқаррароти умумӣ" дар ёздаҳ банд перомуни мақсади таҳияи ин ҳуҷҷати тақдирсоз маълумот оварда шудааст [6]. Ба андешаи мо ин боб ҳадафу мақсади Стратегияи мазкурро ҷиҳати мубориза бар зидди коррупсия пурра шарҳ дода, дар сурати дар амал татбиқ гардидани худи ҳамин боб метавонад чи қадар мушкилиҳои самтро бартараф намояд.

Дар сиёсати давлатдории миллии худ Пешвои миллат маорифро яке аз рукнҳои меҳварии давлатдорӣ ва яке аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад. Ин муносибати хоссаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба соҳаи маориф аз Паёмҳои эшон, ки дар ҷамъбасти ҳар сол ба Маҷлиси Олӣ ва ба халқи шарифи Тоҷикистон ироа мегардад, метавон мушоҳида кард. Ин таваҷҷуҳи вижа бесабаб нест, зеро насли ҷавони дорои донишҳои замонавӣояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки дар баробари санадҳои болозикр, ки масъалаҳои зуҳуроти коррупсияро дар тамоми низоми сиёсии давлатдорӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ва роҳнамое муқаррар намоянд ҳам, ҳамзамон дар асоси бобу фаслҳои ин ҳуҷҷатҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаи чорабиниҳои махсус дар самти мубориза бар зидди коррупсия таҳия карда мешаванд. Зеро таваҷҷуҳи рӯзафзуни Пешвои миллат ба соҳаи маорифу сифати

таҳсилот ба набудани ришвахорию ришваситонӣ вобастагии зич дорад.

Дар ин самт дар муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурӣ як қатор корҳои мушаххас, тадбирҳои судманд андешида шудаанд, ки ба андешаи мо натиҷаҳои назаррас ба бор хоҳанд овард. Аз ҷумла, дар асоси стратегияия ва қонунҳои соҳавӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия мегардад, ки тибқи он мизҳои муддаввар, семинару вохӯриҳо, конференсияҳо ва нашри маводу мақолаҳо амалӣ карда мешаванд. Ҳатто масъалаи мазкур дар Шурои олимони донишкадаву донишгоҳҳо мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода мешавад.

Таъкид карданӣ ҳастем, ки нақшаи чорабиниҳо дар муассисиаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳри мукаммалтару аниқтар ба роҳ мондани мубориза бар зидди коррупсия таҳия гардида, татбиқи қонуну стратегия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро самараноктар мегардонад.

Чуноне ки дар боло зикр гардид, Пешвои муаззами миллат ба соҳаи маориф муносибати аввалиндараҷа медиҳад. Ҳамин аст, ки дар боби дуюми "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" ба соҳаи маориф таъкиди махсус карда шудааст: "Таҳлилҳо бар онанд, ки дар соҳаи маориф дар рафти қабули санҷишу имтиҳонҳо, тестикунонӣ ва суҳбатҳо дар вақти қабули довталаб ба мактаби олӣ ҳолатҳои коррупсионӣ ба назар мерасид. Қабл аз қабули стратегияи мазкур омори расмӣ нишон додааст, ки дар шаш соли охир дар соҳаи маориф зарарҳои молиявӣ ба маблағи зиёда аз 11 миллион сомонӣ ошкор гардидааст. Маҳз ҳамин буд, ки соҳаи маориф дар ҷомеа нуфузи баланди худро аз даст дода буд ва ин ба пастшавии сатҳи донишандӯзии ҷавонон мусоидат мекард" [4].

Аз ин иқтибос бармеояд, ки ҷиҳати баратараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳаи маориф масъулинро зарур буд, ки ҳарчи зудтар бояд дар ин самт чораҳои зарурӣ меандешиданд, ки дар ин росто метавон аз таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, марказҳои тестӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, роҳандозӣ намудани журналҳои электронӣ ва ғайраро мисол овард, ки то ҷое садди роҳи ин зуҳуроти номатлуб гардиданд.

Шоистаи зикр аст, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои заминавии шаҳрвандон оид ба коррупсияву

ришваситонӣ саҳм гузошта, ҷиҳати муборизаи беамон бурдан бо ин падидаи номатлуби давр ба мо роҳнамоиҳо мекунанд. Дар ин росто, мо – шаҳрвандонро лозим аст, ки ба коррупсияву туҳфаситонӣ, ришвахорию қаллобӣ муқовимат нишон дода, баҳри дар амал татбиқ намудани сиёсати олии давлату Ҳукумат дар ин самт чораҳои таъхирнопазир андешем ва дар ин ҷода аз ҳамаи имкониятҳо истифода намоем. Зеро то ҷомеаи шаҳрвандии худро бе коррупсия набинем, он пешрафт нахоҳад кард. Ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ дар зеҳни кӯдакон бояд нақш бандад, ки “бе пул низ дар ҷангал шӯрбо пӯхта мешавад”.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоем, ки нисбат ба тақдири халқу миллати худ батараф набошем ва баҳри ободу гулгулшукуфоии Ватани азизамон саъю талошҳо намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки востаҳои муҳим дар мубориза бар зидди коррупсия ба шумор мераванд, тамоми сохторҳои давлатӣ, ниҳодҳо ва умуман мардуми шарифи Тоҷикистон камари ҳиммат бандем.

**Адабиёт:**


1. Балиев Б. Т. Сущность позитивной юридической ответственности // Правоведение. – 1979, №4. – С. 45-51.
2. Исмоилов Ш. М., Сотиволдиев Р. Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат // китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 286 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 24.02.2017, №1393.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, № 100
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019.
6. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020.
7. “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030”.